**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

**аз 23 июни соли 2023, №19** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, тақризи роҳбари илмӣ - д.и.и., дотсент, Мирсаидов Саидакмал Авроровик, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шаропов Фарҳодҷон Разоқович, номзади илмҳои иқтисодӣ, Ойматов Бахтиёр Шорахматович, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., дотсент Кошонова М.Р., н.и.и., дотсент Бегматов А.А., д.и.и., дотсент Ҷонмамадов Ш.Б., раиси шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н. ва аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Умаров Х., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзуи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Азимова Мукадасхон Муҳамедовнаро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 июни соли 2023.**